# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.

Пажуҳиш дар мавзуи таҳаввули татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикии садаи XI-XII ва шинохти нақш ва ҷойгоҳи шоирони татаббуъсаро дар инкишофи он таъйинкунандаи равишҳо ва ҳудуди робитаҳои судманди дарунии адабӣ ва таъсирпазирии эҷодкорона буда, пеш аз ҳама, шароит ва тарзи истифодаи як шоирро аз таҷрибаи шеърии шоири дигар бозгӯ менамояд. Аҳаммияти ин таҷрибаи шеърӣ аз он ҷо низ равшан мешавад, ки масъалаҳои дигари фаннии назарӣ ва амалии мушобеҳи он дар заминаи татаббуоти шоирони алоҳида мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифта, мавқеи ин ё он шоир дар ин замина мушаххас карда мешавад. Чунин навъи таъсиру робитаи эҷодӣ дар ашъори лирикии классикӣ дар шакли татаббуъ аз замонҳои қадим шуруъ шуда, дар асрҳои мавриди назар шакл гирифта, ба равияҳои гуногун зоҳир гардидаву таҳаввул ёфтааст ва то имрӯз идома дорад ва мубрамияти мавзуи мавриди таҳқиқро низ мушаххас месозад.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи он тибқи талабот шакл гирифта, бахши «Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ» дар 7 номгӯ ба қалам омадааст, ки ҳамаи онҳо масоилу мабоҳиси марбут ба мавзуи диссертатсия мебошанд.

Боби аввали диссертатсия – **«Ҷойгоҳи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ»** унвон дошта, аз 3 фасл иборат мебошад. Фасли аввали ин боб «**Маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ**» номида шуда, дар он маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ таҳқиқ ва тавзеҳ шудааст. Дар ин фасл муаллиф доир ба ин навъи адабӣ, ки дар сарчашмаҳо гоҳо бо истилоҳоти дигаре ҳамчун иқтифо, иқтидо, ҷавобгӯӣ ва назирагӯӣ низ ёд шудааст сухан ба миён оварда, ба ҷуз сухани муҳаққиқон дар ин бахш аз гуфтаи фарҳангҳо низ суд ҷуста, дар охир назари хешро баён намудааст. Ин маънои онро дорад, ки муаллифи фишурда соҳиби андешаи худ буда, ба оддитарин ҷузъиёти ин падидаи адабӣ дахл намудааст.

Фасли дуюми боби мазкур «**Заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули татаббуъ**» унвон дошта, дар ин фасл муаллиф зимни таҳқиқ ба чунин натиҷа расидааст, ки пайдоиш ва рушди татаббуъ ба омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ вобастагӣ дорад ва 9 омили онро нишон додааст.

Фасли сеюми боби аввал **«Сайри таърихӣ ва зинаҳои таҳаввули ин навъи адабӣ»** унвон дошта, бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ ва адабӣ

ба он ҷо мерасад, ки татаббуъсарой дар пояи шеъри асили шоирони таъсиргузор, чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Саной, Салмони Совачӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва дигарон арзи ҳастӣ карда, дар асри чаҳордаҳ заминаи тозаро барои равнақи татаббуъ ба вуҷуд овард, ки дар натиҷа шоирон на танҳо ба ғазали якдигар ҷавоб мегуфтанд, балки дар вазну қофия, радифи муштарак ва гоҳо сохтори мундариҷавии онҳо низ ҳамсон буд.

Аз таҷрибаи татаббуъсароии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ишораҳое, ки дар ғазалҳояш гузоштааст, маълум мешавад, ки ӯ на танҳо бо таҷрибаҳо ва бозёфтҳои ҳунарии шоирони гузашта ошной доштааст, балки бо ихтироот ва татаббуоти худ санъати олии онҳоро дар замони худ аз нав ривоҷ дода, бо пайравӣ ва эҷодкорӣ мазмуну шакли бадеии шеърро такмил бахшидааст.

Боби дувуми диссертатсия **«Нақши шоирони ҷудогона дар инкишофи татаббуъ»** номгузорӣ гардида, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли нахустин роҷеъ ба **«Татаббуоти шоирон ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ»** мабоҳис сурат гирифта, таъкид бар он шудааст, ки Унсурӣ аз симоҳои барҷастаи адабиёти классикӣ буда, шоирони даврaҳои гуногун ба шеъри ӯ пайравӣ кардаанд. Дар пайравӣ ба шеъри ин се шоири ёдшуда Амир Муиззӣ дар ҷои аввал меистад. Дар бахши мазкур аз татаббуоти Амир Муиззӣ, Қатрони Табрезӣ, Азрақии Ҳиравӣ ёд шуда, бо далелҳои қатъӣ ва намунаи шавоҳиди шеърӣ ҷанбаи илмии ин бахшро қувват бахшида, ба масъалаи сирқоти адабӣ низ дахл намудааст.

Дар фасли дуюми ин боб дар бораи **«Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он»** баҳс ороста шудааст.

Дар ин бахш доир ба таҳқиқи тарз ва усулҳои пайравию таъсирпазирии шоироне, чун Рашидаддини Ватвот, Ҳаким Саной, Ҳасани Ғазнавӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва баъзеи дигар иктифо шуда, афзудааст, ки шеъри Муиззӣ барои шоирони баъди ӯ, аз ҷумла Рашидаддини Ватвот, Ҳаким Саной ва Сайид Ҳасани Ғазнавӣ сармашқ буда, онҳо ҳар кадоме ба тарзу равиши хос ба шеваи нигориши ӯ пайравӣ кардаанд.

Шоирони даврaи мазкур асосан, ба қасоиди салафҳояшон пайравӣ карда, дар ин замина аз тарзи нигориш ва усули таҳкиявию мадҳии сабки онҳо истифода кардаанд, ки моҳияти ҷустуҷӯҳои онҳоро дар такмили сохтори мундариҷавӣ ва бадеии чунин ҷавобияҳо нишон медиҳад.

Боби сеюми диссертатсия зери унвони **«Хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ, бадеӣ ва сабкии татаббуоти шоирон дар асрҳои XI-XII»** мушаххас шуда, аз ду фасл фароҳам омадааст. Фасли якум **«Мундариҷаи татаббуоти ин давра ва зинаҳои таҳаввули он»** номида шуда, дар он хусусиятҳои сохтори мундариҷавии татаббуоти Муиззӣ, Қатрони Табрезӣ, Рашиди Ватвот, Масъуди Саъди Салмон, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ва Асириддини Ахсикатӣ баррасӣ ва нақд шудааст.

Бештарини татаббуъҳояшро Ватвот бар қасидаҳои Муиззӣ гуфта, аксаран ба мазмун ва мундариҷаи онҳо пайравӣ ва гоҳо мазмун ва лафзи онро баргардонда ба ваҷҳе дигар адо кардааст.

Шоирони дигаре, ки фарогирии мавзуоти иҷтимову ахлоқӣ дар татаббуоти онҳо афзалияти маънавӣ ва ҳунарӣ доранд, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ва Асириддини Ахсикатӣ мебошанд. Ин шоирон дар пайравӣ ба якдигар зери таъсири воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии давр сари масъалаҳое андешидаанд, ки ба ҳастии бардавоми инсон марбут буда, равиши дарёфти зиндагии босаодатро ироа намудаанд.

Фасли охирини боби сеюм **«Хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии татаббуот»** ном дошта, дар он хусусияти тарзи нигориш ва тасвири шоирони татаббуъсаро матраҳ гардидааст. Дар ин бахш муаллиф таъкид намудааст, ки шинохт ва арзёбии хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии татаббуоти шоирони ин давра, нахуст, чанд паҳлӯ дошта, сониян, вай бояд дар миқёс ва диди замони зиндагии шоир ва пажуҳишгар қарор гирад ва баъдан, ин гуна арзёбиҳо бояд дар заминаи тағйиру таҳаввули диди зебоишинохтӣ дар ҷараёни инкишофи адабиёт амалӣ гардида, таҷрибаи шоирон дар қиёс бо суннатҳои адабию фарҳангӣ, бо шеъри ҳамзамонон ва мавқеи воқеии шоир баррасӣ шавад.

Бартариҳои ҳунарии Муиззӣ дар ин бахш нишон дода шудааст. Адиб Собиру Анварӣ ва Қатрон, ки тарзи нигоришашон то ҷое аз Муиззӣ тафовут дорад, дар корбурди огоҳонаи тарзи тасвири романтикӣ буда, аз ин ҷиҳат, Адиб Собир ва Анвариву Қатрон дар сурудани татаббуи романтикӣ ва улғубардориву нақкошии сурат ва сирати мамдуҳ ва таносуби он бо табиати воқеӣ чеҳраи хос доранд. Зеро чунин тасвирҳо айнист, ғано ва зебоиаш бештарро доро буда, мухтассоти сабкии татаббуоти шоирони ёдшуда мутаносибан бо андешаи ваҳдат пайвастани ҷузъ ба кул дар тасвирҳо ба шумор мераванд.

Мадизода У.М. дар ҷараёни таҳқиқ маводи хеле зиёд ва арзишманде гирд оварда, андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён намудааст.

Дар фишурдаи мавриди тақриз дар радифи комёбиҳои фаровон баъзе камбудиҳои ҷузъӣ дида мешавад, ки ба пиндори банда ба назар гирифтани он боиси болоравии ҳусни кор хоҳад гардид.

1. Дар феҳристи адабиёт, чунонки ба назар расид 45 китоб мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба назари ин ҷониб, рӯйхати адабиёти овардашуда хеле хуб буда, аммо дар қисмати сарчашмаҳо мебоист китобҳои зикр шуда низ аз рӯйи талабот мисли қисмати адабиёти илмӣ навишта шаванд.

2. Баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ дар автореферати диссертатсия ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд (саҳ. 11, 13, 14, 16 ва ғайра).

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ вақҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқгардида таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 6 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

**Тақризиҳанда:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент, муовини
директор оид ба илм ва робитаҳои байналмиллалии институти сайёҳии
Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Мустафозода Нафиса
28.01.2026

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кучаи Асадулло Ғуломов 11/7, хонаи 50
Тел.:(+992) 918262777
E-mail: nafisa82@inbox.ru

Имзои Мустафозода Нафисаро
тасдиқ мекунам: сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи байналмиллалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Ҷӯраев Шоҳрух Неъматович

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон
734055, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.: (+992 372) 234-88-02;
(+992 372) 234-88-24;
E-mail: info@iutet.tj, www.iutet.tj
28.01.2026